**<u>аз 05.04.2018, №147</u>**

«Дар бораи азнавтаъсисдиҳии Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросими дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии он»

Бо назардошти қисми 2 моддаи 5[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва зербанди 6 банди 2 Низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2018, № 96 тасдиқ карда шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ҳайати Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросими дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, Нақшаи корӣ ва тақсимоти вазифаҳо байни аъзои Комиссияи ҷамъиятӣ, ки дар замимаҳо ба Фармоиши мазкур оварда шудаанд, тасдиқ карда шаванд.
2. Мақомоти ҳудудии андоз, ки дар онҳо тибқи тартиби муқаррарнамуда комиссияҳои ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросим таъсис дода шудааст, вазифадор карда шаванд, ки ҳайати комиссияро ба талаботи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар доло зикршуда мутобиқ гардонанд.
3. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ Фармоиши мазкурро ба раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумита ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.
4. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.03.2018, №111 беэътибор дониста шавад.
5. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини Раиси Кумитаи андоз Юсуфӣ П.С. гузошта шавад.

Раис Н. Давлатзода

Замимаи №1 ба Фармоиш аз
«05» 04. 2018, №147

Ҳайати Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросим дар дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Давлатзода Н.М. | Раиси Кумитаи андоз, раиси Комиссия. |
| 2. | Юсуфӣ П.С. | Муовини Раиси Кумитаи андоз, муовини раиси Комиссия |
| 3. | Сафарзода Л. Ҳ. | Муовини Раиси Кумитаи андоз, узви Комиссия. |
| 4. | Ҳалимхонов А. | Сардори Маркази такмили ихтисос, котиби Комиссия. |
| 5. | Набиев Б. | Сардори Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, узви Комиссия. |
| 6. | Қурбонов З. | Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, узви Комиссия. |
| 7. | Меликов М. | Сардори Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон, узви Комиссия. |

Замимаи №2 ба

Фармоиш аз

«05» 04 с. 2018, №

147

**НАҚШАИ**

кории Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросими дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018

| № | Номгӯи чорабинӣ | Мӯҳлати иҷро | Масъул | Барои эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Фаҳмондадиҳии муқаррароти моддаи $5^1$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Қонун) оид ба мақсад ва ташкили комиссияҳои ҷамъиятӣ ва вазифаҳои он. | май | Юсуфӣ П. С.<br>Ҳалимхонов А. | |
| 2. | Аз ҷониби аъзои комиссия бурдани корҳои назоратӣ вобаста ба риояи Қонун дар байни кормандони дастгоҳи марказӣ. | доимӣ | Қурбонов З. | |
| 3. | Гузаронидани сӯҳбат дар байни кормандон, бақайдгирии маъракаҳои онҳо дар дафтари сабти маърака (маросим)-ҳо | доимӣ | Ҳалимхонов А. | |
| 4. | Пурзӯр намудани корҳои таблиғотӣ оид ба равандҳои муосири сиёсати иҷтимоӣ-фарҳангӣ, тарбияи хештаншиносӣ ва моҳияти танзими анъана ва ҷашну маросим дар байни хизматчиёни давлатӣ ва кормандони техникӣ. | доимӣ | Набиев Б. | |
| 5. | Фаҳмондадиҳии моҳияти моддаи 7 Қонун вобаста ба ҷашнҳои расмӣ | апрел | Меликов М. | |
| 6. | Гузаронидани сӯҳбат бо иштироки занони дастгоҳи марказии Кумитаи андоз дар мавзӯи «Нақши зан - модар дар танзими ҷашну маросими миллӣ». | март | Сафарзода Л. Ҳ. | |
| 7. | Омодагӣ барои таҷлили Иди Наврӯзи аҷам ва анҷом додани чорабиниҳои хайриявӣ. | март | Ҳалимхонов А. | |
| 8. | Сӯҳбат бо кормандон дар атрофи мақсад, вазифа ва доираи амали бобби 1-и Қонун. | апрель | Набиев Б. | |
| 9. | Баргузории мизи мудаввар дар мавзӯи «Танзим баракати зиндагӣ». | июн | Қурбонов З. | |
| 10. | Дастовардҳои комиссияи ҷамъиятӣ.<br>Баргузории ҷаласаи комиссияи ҷамъиятӣ ва интихобон шунидани гузориши аъзои он.<br>Таҳияи ҳисоботи нимсолаи якум. | июн | Юсуфӣ П. С.<br>Ҳалимхонов А. | |
| 11. | Шарҳу эзоҳи талаботи Қонуни мазкур дар иртибот ба таҷлили рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон. | дар вақти мувофиқ | Гулмуродзода С. | |
| 12. | Нақши Қонун дар таҷлили идҳои расмӣ ва миллӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ. | июн | Набиев Б. | |
| 13. | Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар танзими анъана | сентябр | Меликов М. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ва ҷашну маросими миллӣ (семинар-машварат). | | | |
| 14. | Гузаронидани суҳбат бо кормандон оиди сарфаву сариштакорӣ ва таъсири мусбии он ба буҷаи оила. | доимӣ | Ҳалимхонов А. | |
| 15. | Иштироки аъзои комиссияи ҷамъиятӣ дар намоиши мустақими телевизионӣ. | тибқи даъвати мақоми ваколат-дор | Юсуфӣ П. С.<br>Ҳалимхонов А. | |
| 16. | Шарҳи муқаррароти моддаи 12 Қонун (вобаста ба маросими ҳаҷ). | октябр-ноябр | Ҳалимхонов А. | |
| 17. | Нақши Қонун дар таҳкими меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. | ноябр | Набиев Б. | |
| 18. | Шарҳи муқаррароти моддаи 15-и Қонун (ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ). | ноябр | Қурбонов З. | |
| 19. | Ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти Комиссия дар соли сипаришаванда ва пешниҳоди ҳисоботи солона ба Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ. | декабр | Юсуфӣ П. С.<br>Ҳалимхонов А. | |
| 20. | Таҳия ва тасдиқи нақшаи корӣ барои соли оянда ва муайян намудани тақсимоти вазифаҳо байни аъзои Комиссия. | декабр | Ҳалимхонов А. | |